**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар мавзӯи «Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ**

Дастоварди назарраси илмии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ зимни пажуҳиш муайян кард, ки андешаҳои иҷтимоии мутафаккирони гузашта танҳо дар замони худ маҳдуд намешаванд, балки ба сифати таҳкурсии усулӣ барои интихоби равиши дарки масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятии давраҳои минбаъдаи таърихӣ низ кӯмак менамоянд. Бинобар ин, метавон таъсири афкори иҷтимоии баъзе мутафаккиронро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ мушоҳида намуд, ки дар навбати худ, зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳоро мубрамтар месозад. Таълимоти Ибни Халдун дар ҳавзаи тамаддунҳои мардумони мусулмонтабор ва ҳатто берун аз он аз чунин таъсиргузорӣ ба рафтору мафкураҳо дар давраҳои гуногун ва имрӯз низ бархӯрдор аст. Аз ин рӯ, муҳаққиқони гуногуне пайваста ба таълимоти иҷтимоии ӯ рӯй оварда, мекӯшанд дар он андешаҳои ҷолиби дархӯри замони худро пайдо кунанд ва ҷанбаҳои алоҳидаи афкори ӯро барои тақвияти назариёти илмии худ истифода баранд. Дар кишвари мо низ солҳои охир ба таҳқиқи паҳлӯҳои гуногуни таълимоти ин мутафаккир саъю талошҳои назаррасе ба сомон расидааст.

Муаллиф то андозае ба мақсади дар пеши худ барои таҳқиқ гузоштаи худ муваффақ шудааст ва ҷиҳати ба назар намоёни кори ӯ ин аст, ки ба сарчашмаҳои таҳқиқшаванда то ҳадди зарурӣ ошноӣ пайдо кардааст ва масъалаҳои вобаста ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон аз нигоҳи Ибни Халдунро ташхис дода, инчунин асарҳои таҳқиқотиро ба таҳлил фаро гирифтааст. Муҳокимаронии муаллиф дуруст аст, ки мавзӯе, ки дар ин рисола мавриди баррасӣ қарор гирифт,

бо муҳимтарин ва арзишмандтарин мавҷуд, яъне инсон ва хусусиятҳои фикриву илмиву иҷтимоии ӯ вобаста мебошад.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки накши муҳимми андешаҳои мутафаккири барҷаста- Ибни Халдунро дар фалсафаи иҷтимоӣ нишон диҳад. Муҳаккик барои исботи андешаҳои худ таҳлилҳои тадкиқотчиёни намоёни Шарку Ғарбро дар давраҳои гуногуни таърихӣ мисол овардааст. Муҳаккик Аркомиддинзода Ш.А. алоқамандии андешаҳои Ибни Халдунро бо ҷараёнҳои гуногуни муосири фалсафӣ муқоиса намудааст. Ба акидаи муаллиф омӯзиши асарҳои Ибни Халдун дар мавзӯҳои гуногуни фалсафаи иҷтимоӣ барои ҷомеаи муосир муҳим мебошад. Муаллиф дар автореферат зикр намудааст, ки Равиши баён ва натиҷагириҳои Ибни Халдун дар таърих ва баҳсҳои иҷтимоӣ бо баҳсҳои илмии имрӯза наздик аст. Аз ин рӯ, барои беҳтар дарк кардани назарияҳои донишмандон ва таърихнависон донистани равияшиносии Ибни Халдун лозим аст.

Аз автореферат маълум мешавад, ки муаллифи диссертатсия ба таҳкики андешаҳои фалсафӣ-илмӣ Ибни Халдун дар бораи падидаҳо ва воқеиятҳои иҷтимоии инсонӣ алоқамандии ҷиддӣ дорад ва чанде аз масъалаҳои муҳими пайдоиши сифатҳои иҷтимоии инсонро муайян карда, ба натиҷаҳои дуруст расидааст. Бинобар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ сазовор аст.

**Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти**
**кафедраи "Гуманитарӣ"-и ДТТ** **Арифджанова Н.Р**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Имзо тасдиқ карда шуд
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ